ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.

Пас аз омӯзиши амиқи кори илмии пешниҳоднамудаи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович, ки ба таҳқиқи масъалаҳои мантиқӣ ва маърифатӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бахшида шудааст, бо боварии қатъӣ гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмии назариявӣ ва амалиро сазовор мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти амалигардида дар замони истиқлол, ки дар он рушди тафаккури илмӣ хеле муҳим аст, низоми босуботи таҳлилҳои мантиқӣ барои дарёфти хулосаҳои дуруст ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Муаллифи диссертатсия бар он муътақид ва дигаронро мутмаин кардан мехоҳад, ки барои таҳкими равандҳои фикрронӣ ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ, дар миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, хусусан, ҷавонон, зарурат пеш омадааст, ки мантиқро ҳамчун методологияи илми фалсафа ба кор бурда, дар ин замина, моҳияти онтологӣ ва махсусан гносеологиро аз рӯйи таснифоти ақлонии дуруст барои ҳадафҳои босамари иҷтимоӣ самаранок истифода кард.

Мақсади асосии таҳқиқ – пажӯҳиши амиқу густардаи равандҳои таърихӣ ва методологии низоми босалоҳияти мантиқӣ-маърифатӣ, муайян кардани айнияту фарқияти мафҳумӣ, истилоҳӣ ва мақулавии қисматҳои мантиқу маърифат аз диди Форобӣ ва Тусӣ, ҳамзамон, мактабҳои фалсафии давраҳои гуногун, ва нишон додани истифодаи мафҳумҳо барои дуруст ба мақсадҳои пайгиришуда расидан ва ба ин

васила ба воситаи муқоисаву хулосаҳои дуруст тафаккури фалсафиро тақвият ва роҳи устувореро пешниҳод намудан аст.

Аз рӯйи масъалагузориҳои таҳқиқот маълум кардан мумкин аст, ки дар диссертатсия сарчашмаҳои боэътимод, шуруъ аз мактабҳои Юнони қадим то мактабҳои фалсафии асримиёнагии Шарқу Ғарб ва ҷараёнҳои фалсафаи муосир бо муқоисаҳои илмӣ самаранок истифода шудаанд, ки нишона аз забондонӣ ва ҷаҳонбинии васеи муаллиф дарак медиҳад. Мусаллам аст, ки сарчашмаҳо асоснокии кори илмиро тасдиқ мекунанд, вале нуқтаи муҳимтар дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавассути таҳлили бонизоми равобити мантиқии мактабҳои фалсафӣ, афкори мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Тусиро бо истифода аз методологияи дуруст ба роҳ монда, дар ин замина, бо муқоисаҳо дурнамои наверо тарҳрезӣ намудааст, ки он метавонад ҳамчун ратсионализми илмӣ як таҳрикеро дар фалсафаи муосири тоҷик ба вуҷуд оварда, дар раванди иҷтимоиёти ҷомеа нақши муассир дошта бошад.

Навоварии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ба натиҷаҳои наве расидан мумкин аст, ки дар адабиёти фалсафии муосири тоҷик ҳеҷ пажуҳандаи фалсафа ба он рӯй наоварда буд. Муаллиф дар доираи методологияи герменевтикӣ аз рӯйи санадҳои таърихӣ ва далелҳои илмӣ нишон дода аст, ки мантиқу маърифат дар ҳамаи даврaҳои асосии таърихи фалсафа нақши асосӣ дошта, дар муҳити илмӣ-фарҳангии Тоҷикистони имрӯза низ ҳамчун таҷрибаи навин ба таҳқиқоти минбаъда густариш хоҳад бахшид.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба аз рӯйи сарчашмаҳои муътамад дар доираи илмҳои фалсафӣ ва мантиқшиносии тоҷик таълимоти

мантиқӣ ва маърифатии Форобӣ ва Тусӣ муаррифӣ мегардад. Дар таҳқиқот таҳлили фалсафӣ ва истилоҳшиносии мантиқӣ баръало мушоҳида гардида, метавонад барои рушди илмҳои фалсафа, мантиқ, маърифатшиносӣ ва таърихи фалсафаи тоҷик имконоти васеъро муҳайё мегардонад. Арзиши амалии таҳқиқот низ ба ҳамин шакл сурат гирифта, чунонки худи муаллиф ишора менамояд, хулосаҳои мантиқии он метавонанд дар таълиф, нашр ва таълими барномаҳои таълимӣ дар самтҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» ҳамаҷониба истифода гардад.

Дар диссертатсия дар даробари баррасии заминаҳои манитиқӣ-маърифатӣ дар низоми методологияи илмӣ, ҳамзамон, мақулаҳои мантиқӣ-маърифатӣ низ дар шакли возеҳ бо далелҳои илмӣ матраҳ шудаанд. Дар доираи ин корҳо муаллиф тавонистааст, ки умумият ва айнияту фарқияти равандҳои илмӣ-фалсафиро ошкор сохта, заминаи наверо барои густариши ҷаҳонбинии илмӣ, ки бунёди онро хулосаҳои мантиқӣ ташкил медиҳанд, мусоидат намояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз номгӯйи муайяни адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои боэътимод пешниҳод шудааст. Ҷойгоҳ ва нақши муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ хеле равшан буда, кори анҷомдодаи ӯ, илман асоснок, муфиду саривақтӣ дониста мешавад. Аз масъалагузорӣ то далеловарию натиҷагирӣ маълум мешавад, ки муаллифи диссертатсия донандаи хуби соҳа ва дорои қобилияти илмӣ-таҳқиқотӣ буда, дар таҳияи рисола ба дастовардҳои хуби илмӣ ноил гашта, тавонистааст моҳияти илмӣ ва фалсафии мавзуи таҳқиқро баён созад. Болотар аз ин, чунонки аз матни диссертатсия маълум мешавад, ба мақсади татбиқи амалии

хулосаҳои диссертатсия муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро чи дар доираи лоиҳаҳо ва берун аз он пешниҳод намудааст.

Баъд аз омӯзиши диссертатсия коммисияи экспертӣ ба хулосае омад, ки рисолаи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Коммисияи экспертӣ ба хулосае омад, ки ба ҳайси муқарризони расмии диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович, ки дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа таълиф шудааст, мутахассисони зерин пешниҳод гарданд:

Аҳмадов Саид – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтологияи ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатӣ Тоҷикистон;

Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедари фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тавсия дода шавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович, ки дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР ҚАРД:

1. Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсоновичро дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Аҳмадов Саид – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтологияи ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатӣ Тоҷикистон;

Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедари фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ.

1. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тавсия дода шавад.

2. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа, профессор Шамолов А.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Аъзои комиссия экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа, профессор Содиқӣ Н.Н.

доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З.

10.12.2025

10.12.2025